# Мавзӯъ. Таълимоти Мартин Лютер ва Томас Мюнтсер

Нақша:

1. Асоси таълимоти Мартин Лютер
2. Таълимоти Томас Мюнтсер
3. Илм ва маданияти Олмон дар асрҳои XVI-XVII

Адабиёт

1.Всемирная История. Т, V. М., 1958

2.Всемирная История том 4. М., 1958

3.История средних веков т.2 Раннее новое время, под. Ред. С.П. Карпова М., 2003.

Вазъияти ба амаломадаи Олмон дар нимаи дувуми асри XVI ва ибтидои асри XVII боиси норозигии тамоми мамлакат гардид. Ин ҳолат то дараҷае шиддатнок гардид, ки ягон мақомоти дахлидори давлатӣ наметавонист, ки садди роҳи онҳоро гирад ва ҳаракатҳои халқиро бартараф намояд. Олмон дар ҳолати инқилобӣ қарор гирифт. Дар муддати кӯтоҳ дар мамлакат ҳаракатҳои оммавӣ ба амал омада боиси хатари шадиди муқовимати ҳарбии мамлакат ба муқобили сохтори фарсудагардидаи феодалии тамоми Аврупо гардиданд. Намояндагии машҳури ҳаракатҳои халқиро олими машҳури донишгоҳи Витенбург профессор Мартин Лютер ба зима дошт.

Марттин Лютер соли 1483 дар шаҳри Саксония дар оилаи коргар ба дунё омадааст. Падараш ба фаъолияти коркарди маъданҳои кӯҳи шуғл дошта дар натиҷаи бетартибиҳои ҳокимиятдорон ва зулму ситами онҳо муфлис гардида буд. Мартин бошад дар ҳаёти ҷавонии худ тамоми бетартибиҳои замонаро дида нисбати онҳо нафрат медошт. Маҳз дар чунин шароит ӯ ба воя расида норозигии худро нисбати ҳукумат ва ҳукуматдорон баён мекард. Дар синни 18 солагӣ бошад Мартин ба донишгоҳ дохил гардида бо ходимони намоёни ташкилоти радикалии он давраи ғарб шиносоӣ пайдо кард. 31 октябри соли 1517 бошад ӯ бар хилофи индулгенсия,[1] тартиботи ҳукуматдори ва фаъолияти бесарусомонии онҳо тезисҳои худро иншон намуд, ки заминаи асосии оғози ҳаракатҳоиислоҳотчигӣ дар Олмон гардиданд. Мартин Лютер дар таълимотҳои хеш ба муқобили папа ва намояндагони рӯҳонии ӯ баромад намуда, қайд месохт, ки мӯъбад ва рӯҳониёни динӣ миёнрави байни худо ва

инсон шуда наметавонанд. Тавассути чунин амалҳо ӯ даъвоҳоисафсатаноки намояндагони мӯъбадро дар масъалаи «Сабук намудани гуноҳ» ва «озод намудани ҷон» фош намуда бетартибии онҳоро ошкор мегардонд. Дар баробари ҳамаи инҳо Мартин қайд мекунад, ки инсоният озодии худро дар асоси мӯъбад ва ба ҷо овардани анъанаҳои он амали гардонида наметавонад. Баракс ин тартибот дар асоси эътиқоди комили инсон ба худо амали карда мешавад. М. Лютер эътиқодро воситаи асосии муносибати инсон бо худо мешуморад. Дар масъалаҳои мӯъбадон ва фаъолияти динии онҳо бошад ӯ қайд мекунад, ки онҳо (муъбадҳо) бояд ёрирасони инсон дар масъалаҳои дин ива омӯзиши навиштаҷотҳои муқаддаси он бошанд.

Моҳи феврали соли 1518 Мартин Лютер ба тезисҳои худ маълумотномаи навро низ интишор намуда дар мубоҳисаи нахустини худ иброз намуд, ки калисо ва тамоми муасисаҳои марбути он ба ислоҳоти куллӣ мӯҳтоҷ доранд. Баромади мавҷудаи ӯ вазъи тамоми ходимони диниро муташаннич гардонда базуди дар байни тамоми табақаҳои аҳолӣ паҳн гардид. Барои бартараф намудани фаъолияти тарғиботииӯ нисбати муасисаҳои дини ҳукуматдорон Мартинро сафсатагӯ ва биддат номида барои ҳабс намудани ӯ аз папа иҷосатнома гирифтанд. Вале ин мақскади ниҳоии онҳо амали нагардид. Тобистони соли 1519 ӯ бар хилофи ақидаҳои Ппафео Экко ки таълимоти гуситҳои бидат эълон намуд баромад карда иброз доштанд, ки Таълимоти гуситҳо барҳақ характери насронӣ доранд ва натиҷаҳои Собори Констант нисбати қатли сардори он Ян Гус аз рӯи адолат набуд. Соли 1520 Мартин Лютер дар яке аз асарҳои худ «барои дворянҳои масеҳии Олмон барои беҳтар намудани вазъияти дини насронӣ» масъалаи аз нав созии калисоро пешниҳод намуда, қайд кард, ки рӯҳониёни ҳукумати манаполия ба мансабҳои динӣ надоранд. Баръакс ин масъаларо тамоми аҳолии насорои ҷаҳонӣ доро мебошанд. Дар асоси иншои асарҳои худ Мартин барои бартараф намудани тартиботҳои ношоями ҳокимияти дини шӯриши яроқноки оммавиро бар зидди папаи Рим Лев 10 пешниҳод менамояд. Барои амали намудани ин кор ӯ тамоми аҳолии Чехияро низ ба шӯриши даъват намуд. 21 сентябри соли 1520 аз ҷониби ҳукумати иператори Булла (қонун)-и махсус ҷорӣ карда шуд, ки он масъалаи аз калисо ва дин хориҷ намудани Мартин Лютерро барраси намуд. 10 декабри хамин сол бошад Лютер натиҷаи қонунҳои мазкурро рӯи рост дар ҳузури тамоми донишҷӯён оташ зад. Ин амали рӯи рости ӯ мақоми ӯро дар ҳаракатҳои халқи баланд намуда ӯро дар муборизаҳои халқи дар сафи пеш қарор медод.

Фаъолияти тарғиботии Мартин дар муддати кӯтоҳ солҳои 1520–1521 тамоми гӯшаву канори Олмонро фаро гирифта ба он аҳолии табақаҳои гуногуни ҷамъияти ҳамро мегардиданд. Масъала то дараҷае инкишоф ёфта буд ки сартосари мамлакат номи ҷовидонаи Мартин Лютер ва марги

дарбори империяи Римро базабон меоварданд, қайд намудааст яке аз намояндагони папаи Рим дар баёнияи навбатии худ.[2] Дар натиҷаи амалҳои номбурдаи Лютер обрӯи ӯ дар ҷомеъаи мамлакат баланд гардида ба ҳайати ҳаракатҳои ӯ акнун оммаи калон ва гурӯҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба монандӣ ритсарҳои Олмон бо сардории Гутен ва Франтс фон Зикенген ҳамроҳ гардида амалиёти минбаъдаи ҳаракатро мустаҳкам намуданд. Мақсади асосии тамоми намояндагони ҳаракати ислоҳотхоҳии Мартин Лютер озод намудани аҳолии мамлакат аз зулму истибдоди ҳукуматдорони папаи Рим ба ҳисоб мерафт, ки натиҷаи асосии соҳибгардидани натиҷаи дилхоҳро Гутен дар мубориза яроқнок таҷассум мекард. Вале фаъолияти онҳо то дер давом кардан натавониста рӯ ба коҳиш мениҳод.

Соли 1522 байни қушуни шӯришгарон ва қушуни ҳукуматдорони архипескопи Трир муҳорибаи вазнин ба вуқӯъ пайваст. Дар рафти ҷанг сардори шӯришгарон Зикенген ҷароҳии сахт гирифта Гутен бошад майдони ҷангро тарк намуда ба Швейцария гурехт. Асоси заиф гардидани ҳаракатҳои ислоҳотхоҳи ва шикасти онҳо дар фаъолияти номуташакилӣ ва гуногунандешии аъзоёни он мебошад. Ҳамин тавр аз ибтидои фаъолияти ҳарбии хеш солҳои 1520–1521 дар байни намояндагони гуногуни ҳаракат номуташаккилӣ ба амал омада фаъолияти мақсаднокӣ онҳоро барбод мемдод. Новобаста аз ин фаъолияти онҳо барои ҳокимияти императори Рим Карл 5 ки мақсади ташкили империяи бузурги католикии Габсбургҳо дар Аврупо дошт, таъсироти манфи расонида мақсади ӯро барбод медод. Баҳори соли 1521 бомақсади барҳам додани фаъолияти ислоҳотхоҳӣ ва бартараф намудани таълимоти тарғиботии Мартин Лютер ҳукумати императори ӯро ба Рейхстаги шаҳри Вормс даъват намуда ӯро маҷбур намуд, ки аз таълимоти худ даст кашад. Вале ӯ аз таълимоти худ даст накашид. Бинобар аз ҷониби император қонун (эдикт)- мазкур дар масъалаи таъқиботи тарафдорони ҳаракатҳои ислоҳотчигии Мартен Лютер қабул карда шуда рейхстаги Вормс низ онро ҷонибдорӣ намуд. Худди Мартен Лютер бошад бо ташаббуси Фридрих Мудрий аз марг наҷот ёфта дар қасри Вертбург пинҳон карда шуд.

Ба анҷом расидани фаъолияти сиёсии Мартин лутер нигоҳ накарда ҳаракатҳои халқи тамоми мамлакатро фаро гирифт. Дар Олмон идея ва таълимоти ӯ тамоми халқро ба худ ҷалб намуда косаи лабрези қахру ғазаби оммаро боз ҳам парешон намуд. Дар як шаҳраки Витенбург оммаи маҳалии иборат аз 2,5 ҳазор нафар эътиороз ташкил намуда барои аҳолии камбизоат, беморон ва бенавоён маблағи ҳайрияро ташкил доданд.

---

Ҳанӯз аз ибтидои соли 1520 дар дохили калисои католикӣ ташкилоти дигари ислоҳотхоҳӣ ба амал омад. Маркази асосии ин ташкилот Шветсария буда ба он Улрих Тевингли сардорӣ мекард. Дар худди Олмон бошад гуруҳи дигари динии фирқагаро бо лақаби «паёмбарон» баромад намуда бар он ақида буданд, ки тамъиди кудакон дар дини католики гузаронида шавад, ин амал бояд дар насли калонсол ба монанди ҳазрати Мӯсо гузаронида шавад. Ба тамоми тартиботҳои сиёси ва таъқиботи ҳукуматдорони императори нисбати омма нигоҳ накарда ҳаракатҳои ислоҳотхоҳии халқ аз соли 1520 то оғози ҷанги шаҳрвандии ин мамлакат, соли 1525 давом мекард.

Намояндаи дигари ҳуаракати ислоҳотхоҳии Олмон собиқ ҳамшафақи мартин Лютер Томас Мюнтсер ба шумор мерафт. Аз аввали оғози ҳаракатҳои истиқлолхоҳии мамлакат ӯ таълимоти Лутер пайравӣ намуда соли 1513 дар шаҳри Голӣ ташкилоти махфӣ зидди архипескопи Магдебург ва императорӣ Рим ташкил дод. Томас Мюнтсер солҳои 1489–1525 зиндагони карда дар таълимоти ислоҳотҳои худ азнавсозии калисо ва тартиботи диниро асоси инкишофи оғози салтанати илоҳӣ медид. Дар асоси таълимоти мавҷудаи хеш ӯ бар акси таълимоти пайрави худ М. Лутер баромад карда бар акси «навиштаҷотҳои муқаддас»-и ӯ Мюнтсер ваҳӣ илоҳӣ «садои дохили»-ро пешниҳод мекард.

Мувофиқи таълимотҳои ӯ худо бо инсонҳо доим дар муошират аст ва рӯҳи ӯ дар шакли одами одди ба монанди бутпарастон ва мусалмонон амалӣ мешавад, ки аз библия ҳарфе намехонад. Асоси таълимоти ислоҳотхоҳонаи худро Мюнтсер ҳанӯз аз аввали оғози он дар нобудкардани тамоми бадбахтиҳои замон ва сарнагун сохтани тамоми ҳокимони олии бехудои ситамгори оммаи меҳнаткаш таҷассум мекард. Нисбати шахсияти М. Лютер бошад Т. Мюнтсер баъзе суханҳои зишт намуда ӯро лагандбардори князҳо мешуморад, ки ба ӯ фақат оммаи ҳокимиятдор ва ситамгари халқ манфиатдор мебошанд. Бо пмақсади ҷалб намудани оммаи меҳнаткашони ғарб ӯ тобистони соли 1521 ба давлати Чехия сафар намуда барои зиёд намудани тарафдорони худ худро давомдиҳандаи кори таборитҳо номид.

Дар ҳоле, ки Т. Мюнтсер барои вусъат додани ҳаракатҳои ислоҳотхоҳии худ ба Чехия рафт дар дохили мамлакат амалдорон ва махсусан папаи Рим тарафдорони ҳаракати ӯро мавриди таъқиботи сиёсӣ қарор дод. Пас аз баргаштан бошад нисбати ӯ низ ин амал инкишоф дода шуда, ӯро зарур омад, ки боқимонда ҳаёти худро дар сафарҳои иҷборӣ гузаронад. Ба ақидаи ӯ асоси бадбахтиҳои ҳаётии халқ бар инсофи амалдорон ва князҳои мамалакат вобастагӣ дорад, ки халқро барои нафи худ истифода намуда ҳар лаҳза ғорат мекунад ва ҳамзамон барои онҳо панди «дузди накун»-ро пешниҳод менамоянд. Ин амали нобакори онҳоро Мартин Лутер тарафдорӣ

намуда, дуо медиҳад.[3] Мюнтсер асоси тамоми ҳокимияти давлатиро халқ ҳисобида қайд мекунад, ки асоси бартараф намудани бетартибиҳои ҳокимони золим дар муқобилияти яроқноки оммаро тарафдорӣ мекунад.

Хулоса ӯ дар таълимоти худ ҷомеаро тасаввур намуд, ки дар он ҳеҷ истисмори мардуми вуҷуд дошта набошад. Дар ин масъала ӯ қайд мекунад, ки асоси ҳамаи туздиҳо, ғоратгариҳо ва умуман касодии ҷомеа амалдорон ва князҳои Олмони ва намояндагони папаи Рим мебошанд. Дар масъалаи тадбирҳои ӯ  Ф. Энглс қайд мекунад, ки Т. Мюнтсер ҷомеаро тасаввур мекунад, ки дар он моликияти хусусӣ, нобаробариҳои синфӣ вуҷуд дошта набошад, вале ин нишонаҳо фақат марбути сохти обшинаи ибтидои мебошад.[4]

## 1. Илм ва маданият

Пешравии пуравҷи иқтисоди ва иҷтимоии Олмон ба асрҳои XV – XVI рост меояд. Дар ин давыра новобаста аз змдиятҳои сиёсии мамлакат тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти инсонӣ рӯ ба пешравӣ ниҳода дар ҳаёти мадании мамлакат низ таъғиротҳо ба амал омаданд. Ташаккул ёфтани ҳаёти мадании мардуми Олмон асосан ба мутаҳид гардидани забони оммаи гуногуни мамлакат  ба шумор мерафт. Дар ин давра муасисаҳои табу нашр ҳам ташаккул ёфта барои пешбурди ҳаёти мадании оммаи халқ шароит фароҳам оварданд. Таъсис ёфтани чунин муасисаҳои маданӣ дар мамлакат ба мавҷудияти лаҳҷаҳои гуногуни забони хотима гузошта барои инкишофи забони адабии омма таъсири худро расонид.

Барои инкишофи забони адабии халқ ва ташаккул додани маданияти онҳо тарҷумаи китоби «Муқаддас»-и Лутер ба ҳисоб меравад. Дар рафти тарҷумаи ин китоб тамоми муқадасоти забони адабии халқ мавриди истифода қарор дода шуд.  Вале қайд бояд кард, ки асоси инкишофи ҳаёти мадании Олмонро адабиётҳои гуманистии он ташкил мекунанд. Новобаста аз он, ки дар ибтидо асарҳои гуманистони мамлакат дар донишгоҳҳо истифода карда шуда фақат бо забони  лотинӣ нашр гардида бошанд ҳам онҳо ба  фарҳанги омма таъсири бузург расонида вазъи заиндагии вазнини халқ, истисмори онҳо аз ҷониби ҳукуматдорон ва амалдорони мамлакат, инчунин муносибати оммаи меҳнаткаш нисбати намояндагони ҳокимияти давлати ва рӯҳониёни диниро таҷассум менамуданд.  Дар эъҷодиёти намояндагони илму фанни он давра ҳолати тартиботи динии Олмон асосҳои он дар байни гурӯҳои гуногуни ҷамъиятӣ  мақоми марказиро касб намуда буд.  Масъалаи инсондусти дар Олмон аз ҷониби намояндагони инсондустии

Итолиё пахн гардида дорои хусусиятҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии худ дар мамлакат буд. Мувофиқи қайдҳои Ф. Энглс ҷавҳари асосии таълимоти гуманистии давраи Эҳёро, ки ҳанӯз аз асрҳои XV- ум оғоз гардида буд, ташкил ва инкишофи ҳаёти шаҳрдории мамлакат ба ҳисоб мерафт.[5]

Ташаккули муносибатҳои сармоядорӣ дар Олмон боиси инкишофи идеологияи нави илми гардид, ки дар хилофи ҷаҳони феодалӣ ва таълимоти схолистикии он ба маданияти оммавӣ диққати асосиро равона намуда ақидаи илоҳии мавҷудияти шоҳӣ ва догматикии тартиботи ӯро ба шуури инсони тобеъ кард. Барои амали намудани тартиботи мадании мамлакат намояндагони гуманистии Олмон идеологияи ҳаёти мадании замони гузаштаро заминаи кори худ намуда дар инкишофи маданияти мамлакат таълимотҳои гузаштаро пура мекарданд.

Яке аз инсондустони намоён ва донишманди маъруфи ондавраи Олмон Эразм Роттердам (1466–1536) ба ҳисоб меравад. Ӯ яке аз намояндагони мадании асрҳои XV – XVI Олмон буда дар эъҷодиёти худ ба тартиботи феодалии мамлакат нафрат мегуфт. Дар ибтидои ҳаёти худ Эразм дар мамлакати Фаронса, Англия, Италия ва Нидерландия зиндагони намуда забонҳои онҳоро ба дараҷаи баланд ҳарф мезад. Ӯ ҳатто аз забони Юнони ба лотини китоби Библия ва дигар асарҳо ҳамсоли «Фоҷеаи Еврипид», «Диалоги Ликург» ва ғайраҳоро тарҷума намуда маданияти инсондустонаи онҳоро дар мамлакат тарғиб мекард. Асари нисбатан бузурги инсондустонаи ӯ бо номи «Суҳбати оилавӣ» буда дар он тамоми масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фалсафию гуманистии муаллиф дарҷ гардидааст. Соли 1513 пас аз саёҳати дуру дароз ӯ дар шаҳри Базел истиқомати минбаъдаро интихоб намуда фаъолияти эъҷодиашро давом кард. Дар таълимотиҳои илмии худ Эразм Роттердем муқобили таълимоти схолистикии мамлакат баромад намуда тамоми намояндагони ин равияро зери танқид қарор дод. Ӯ дар таълимотҳои худ «идомаи гуфтаҳои Исо»- ро давом дода тамоми намояндагони олии мамлакат аз амалдорони маҳалӣ то ҳукуматдорони мамлакатро танқид намуд ва ле аз чӣ бошад, ки омми меҳнаткашпро ба гурӯҳи догматикҳои динӣ дохил намекард.

Дар асари машҳури худ «таърифҳои аблаҳона » ӯ чунин қайд мекунад, ки аҳмақтар ва қабеҳтар аз ҳамаи инсонҳо тоифаи савдогарон мебошанд. Дар системаи сиёсии ҷомеъа бошад Роттердам Э рафти фаҳмондадтъиҳиро асоси ҳамаи корҳо ҳисобида фаъолияти минбаъдаи инкишофро инкор месозад. Ӯ оммаи халқро мисоли ҳаждаҳоре медонад, ки дар муттаҳиди метавонанд тамоми бадбахтиҳоро бартараф намоянд. Хулоса Э. Роттердам дар

фаъолияти гуманистонаи худ ба муқобили тартиботи теократи амал намуда фаъолияти роҳибони динро тоанқид мекард.

Намояндагони дигари инсонпрвари ин давраи Олмон  Игони Рейхлин (1452–1522) ва  Улирх фон Гутен (1488–1523) мебошанд. Рейхлин яке аз одамонинамоёни замона будда авалҳо дар мансаби суди иттифоқи Шваб кор мекард. Дар фаъолияти динӣ ва Фалсафии ӯ низ аҳамияти умуми инсонииахлоқ таҷассум карда мешуд.

Дар ин давраҳо дар мамлакат илми таърих ва таърихнигорӣ низ рӯ ба инкишоф ниҳода барои инкишофи давр олимон инсондустони мамлакат ба замони гузашта низ назар намуда тартиботи мадании онҳоро барои пешравии ояндаи мамлакат истифода мекарданд.  Диққати онҳоро бештар масъалаҳои мардонагии аҷдодони онҳо ва маълумотҳо дар бораи аҷдодони қадимтарини олмонӣ, таърихи ҳокимиятдории Карли Кабир ва Отонҳо, муборизаи олмониҳо бар зидди папа, пайдоиши шаҳрҳо ва шоҳигариҳои алоҳидаи мамлакат ба худ ҷалб мекард. Дар байни чунин олимон номи Вилиболд Пиркгеймер (1470–1530) ва Конрад Пейтингер (1465–1547)-ро номбар намудан ҷоиз аст. Дар асарҳои «тасвири мухтасари Германия» маълумотҳои олимони антиқа дар хусуси аҷдодони ин халқият ва дар асари дигари таърихии он давра «Таърихи ҷанги Шветсария» муаллифон  шаънгу шарафи ватандорӣ ва ҳувияти миллии занро таҷассум намудаанд. Дар баробари ҳамаи ин Пейтингер К инчунин ба ҷамоварии дастнависҳои қадима, тангаҳо ва дигар бозёфтҳои археологӣ мароқ зоҳир намуда «сарчашмаҳои типографии харитаи роҳҳои Рим», «Таърихи Готҳо»-и Иордан ва «таърихи Лангобардорҳо»-ӣ Диоконтро ба забони Олмони иншо намуд.

Дар ин давраҳо таърихнависони дигар  ба монанди Иоган Авентин (1477–1534) ва Б. Ренон (1485–1547) низ умр ба сар бурда дар бораи таърихи аҷдодони ин мамлакат ва ташаккули давлатдории онҳо маълумотҳои ҷолиброо боқӣ гузоштанд.

Дар инкишофи фарҳанги миллии мамлакат хизмати М. Лютер ва иншо гардидани  асарҳои «Васияти нав» соли 1522 ва «Васияти кӯҳна»-и ӯ соли 1534 низ калон аст. Дар чунин ҳолат олимони замони Ислоҳотчиги тавонистанд, ки тартиботҳои куҳнаи динӣ ва мактабҳои назди калисоро барҳам дода тартиботи нави таълимиро дар мамлакат ба вуҷуд биёранд.

**Ассистенти кафедраи таърихи умумии ДДХ**
**Мамадсалимов Насим**